**№1243/4.1.2 аз 27.01.2023**

Мақомоти ҳудудии андоз

«Оид ба тарҳи ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокӣ»

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар амал дуруст татбиқ намудани муқаррароти моддаҳои 198, 199, 200 ва 203 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба тарҳи ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокӣ ва тарҳҳои дигар аз рӯи воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддии истеҳлокшаванда, мактуби дастурии мазкурро барои корбарӣ ва таъмини иҷро ирсол менамояд.

Мутобиқ ба талаботи моддаи 198 Кодекси андоз тахти дороиҳои истеҳлокшаванда воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддии дар фаъолияти соҳибкорӣ истифодашаванда дониста мешаванд.

Барои мақсадҳои андозбандӣ, ба воситаҳои асосӣ дороиҳое, ки муҳлати хизмати онҳо зиёда аз як сол мебошад, ҳангоми истеҳсоли мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) ё барои эҳтиёҷоти идоравӣ ба сифати воситаҳои (олоти) меҳнат истифода мешаванд, арзиши ҳар воҳиди чунин дороиҳо ба ҳадди муқаррарнамудаи қонунгузорӣ оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқ мебошад ва истеҳлокшаванда мебошанд, дохил мегарданд.

Андозсупоранда ҳуқуқ дорад, ки дар давраи ҳисоботӣ аз даромади андозбандишаванда мутобиқи меъёрҳои дар қисми 5 моддаи 198 ва қисми 2 моддаи 203 Кодекси андоз муқарраршуда ҳиссаи истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддиро тарҳ намояд.

Ҳиссаҷудокунии истеҳлокӣ ба воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддие, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода намегарданд, инчунин дороиҳои дар қисми 4 моддаи 198 муқарраршуда иҷозат дода намешавад.

Андозсупоранда тарҳи истеҳлокиро, ки дар давраи ҳисоботӣ барои воситаҳои асосии истеҳлокшаванда иҷозат дода шудааст, бо истифода аз усули хаттӣ ҳисоб карда, меъёри истеҳлокро, ки нисбат ба воситаи асосӣ

дар мавриди арзиши он (бе назардошти зиёдшавии арзиши дороиҳо дар натиҷаи азнавнархгузорӣ) амалӣ карда мешавад, истифода менамояд.

Ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокии воситаҳои асосӣ бо усули хаттӣ аз рӯи арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ бо қисмҳои мутаносибан баробар дар тамоми давраи истифодаи то ба сифр баробар шудани арзиши бақиявии онҳо ҳисоб карда мешаванд.

Тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи 200 Кодекси андоз ҳангоми гузариш аз усули арзиши бақияи тавозунӣ ба усули хаттӣ, ҳисобкунии ҳиссаҷудокунии истеҳлокӣ аз рӯи арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ анҷом дода мешавад.

Агар андозсупорандагон воситаҳои асосии истеҳлокшавандаро қисман барои ба даст овардани даромади андозбандишаванда ва қисман барои мақсадҳои дигар истифода баранд, тарҳи ҳиссаҷудокунии истеҳлокӣ мутобиқи қисми 5 моддаи 198 Кодекси андоз танҳо нисбат ба ҳиссаи мутаносиб ба даромади андозбандишавандаи давраи ҳисоботӣ иҷозат дода мешавад.

Ҳангоми аз ҷониби андозсупорандагон дар давоми тамоми давраи ҳисоботӣ барои ба даст овардани даромади андозбандишаванда истифода нагардидани воситаҳои асосӣ, ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокӣ дар ин давра мутобиқи формулаи зерин, ки дар қисми 4 моддаи 199 Кодекси андоз муайян шудааст, ҳисоб карда мешаванд:

A x B/C,

дар ин ҷо: A - тарҳкунии истеҳлокӣ;

B - миқдори рӯзҳо дар давраи ҳисоботӣ, ки дар давоми он андозсупоранда воситаҳои асосии истеҳлокшавандаро барои ба даст овардани даромади андозбандишаванда истифода бурдааст;

C - миқдори рӯзҳои давраи ҳисоботӣ.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки бо мақсади дар амал дуруст татбиқ гардидани муқаррароти моддаҳои 198, 199, 200 ва 203 Кодекси андоз, пешгирии ҳамагуна амалҳои саркашӣ аз дуруст ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ дар мавриди аз даромади умумӣ тарҳ намудани истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ, ҷиҳати ба самъи андозсупорандагон расонидани муҳтавои мактуби дастурии мазкур чораҷӯӣ намоянд.

Раис Н.Давлатзода